**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос (*қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295*)

Парвандаи аттестатсионии №___________________________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09 **июли соли 2026, №31**

Барои сазовор донистани Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника.

Диссерататсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №26 аз 16.05.2026, шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, www.tnu.tj. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 06.09.2024, таҳти №318/шд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ 01-уми майи соли 1998 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2020 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси биология, касби "Биолог-омӯзгор" хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси биолог дохил шуда, соли 2022 зинаи мазкурро таҳти №0001682 аз рӯйи ихтисоси биолог хатм намудааст.

Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №375-05 аз 06.10.2022 ба ҳайси докторант (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D060700 – Биология (6D060718 – Ботаника) дар кафедраи ботаника ва дендрология қабул гардида, соли 2025 тибқи фармоиши №253-05 аз 25.08.2025 хатм намудааст.

Аз 1-уми сентябри соли 2025 то ҳол ба ҳайси омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами №129-и шаҳри Душанбе фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Сатторов Раҳматулло Бобоевич** – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Наврузшоев Довудшо** – доктори илмҳои биологӣ, сарходими Институти биологии Помир ба номи академик Х.Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Мадаминов Абдулло Асроркулович** – номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири лабораторияи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз, доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бобозода И.А. тақриз бо имзо ва муҳр аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокунии хулосаҳо ба талаботи боби 3, фаслҳои 31, 33, 34-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 06.09.2024, таҳти №318/шд тасдиқ гардида, барои рисолаҳои номзадӣ пешниҳод гардидааст, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 9 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, инчунин маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр намудааст.

I. **Таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия**. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст:

**[1-М].** Назаров Ш.Ш. Розарии южного склона Гиссарского хребта. [Текст] / Ш.Ш. Назаров // Наука и Инновация. Серия естественных наук. - 2023. - №2- С.174-178; ISSN-2312-3648.

**[2-М].** Назаров Ш.Ш. Гуногунии намудии авлоди дулона (Crataegus) дар таркиби флораи Тоҷикистон. [Матн] / Қ. Кароматулло, Ш.Ш. Назаров, Д. Шарипов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ. - 2023. №4. - С.144-148; ISSN-2707-9996.

**[3-М].** Назаров Ш.Ш. Ҳолати ҷамоаҳои туғ - *Celtis caucasica* дар шароити қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. [Матн] / Р.Б.Сатторов, Ш.Ш. Назаров // Илм ва фановарӣ. Бахши илмҳои табиӣ. – 2023. №4. - С. 183-188; ISSN 2312-3648.

**[4-М].** Назаров Ш.Ш. Тавсифи фитосенологии типи набототи сиёҳҷангал дар қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. [Матн] / Ш.Ш. Назаров, А. Сафар // журн. АМИТ. Бахши илмҳои биологӣ. - 2025. №1. - С.19-27; ISSN: 2791-0717.

**[5-М].** Назаров Ш.Ш. Таҳлили систематикии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. [Матн] Ш.Ш. Назаров // Илм ва фановарӣ. Бахши илмҳои табиӣ. – 2026. №1. - С. 239-246; ISSN 2312-3648.

**II. Мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳои илмӣ нашршуда:**

**[6-М].** Назаров Ш.Ш. Ҳолати экологии ҷангалҳои мезофилии дараи Ширкент [Матн] / Ш.Ш. Назаров // фиш. мақ. дар конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «65- солагии таъсисёбии факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ» - 2023. - С.89-92.

**[7-М].** Назаров Ш.Ш. Хусусиятҳои биологӣ ва ҳолати экологии *Ribes meyeri* Maxim дар шароити иқлими дараи Қаратоғ. [Матн] / Ш.Ш. Назаров, П.Н. Раджабова // маҷаллаи Муҳаққиқони ҷавон. – 2024. №3. - С. 220-225.

**[8-М].** Назаров Ш.Ш. Гуногунии авлоди ***Berberis*** **L.,** дар таркиби флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. / Ш.Ш. Назаров, Ҷ. Аминов //. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Флораи Тоҷикистон – Сарчашмаи боэътимоди таҳияи маводи доруворӣ», дар факултети Фармасевтии ДМТ - 2025. - С. 133-137.

**[9-М].** Назаров Ш.Ш. Ҳолати экологии дарахту буттаҳои экосистемаҳои наздисоҳилӣ дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор. [Матн] / Ш.Ш. Назаров, Р.Х. Изатуллозода // Маҷмуаи мақолаҳо ва гузоришҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар Институти илми тадқиқотии рушди устувор ва Иқтисоди Сабзи ДБССТ дар мавзуи «Таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим» Душанбе 2025. - С. 237-241.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро Гулматов М.И. дар тақриз чунин эродҳо нишон дода шудааст.

- Дар автореферат нишондодҳои миқдории таъсири омилҳои антропогенӣ ва тағйироти муосири иқлим ба динамика ва устувории ҷамоаҳои дарахту ва буттаи минтақаи таҳқиқот ба таври кофӣ муфассал равшан нашудаанд. Таҳлили муфассали ин равандҳо имкон медод, ки аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада баланд бардошта шавад.

- Дар кор маводи васеъ оид ба таркиби флористӣ ва хусусиятҳои фитосенологии рустанӣ оварда шудааст, аммо масъалаҳои пешгӯии тағйироти минбаъдаи суксессионӣ ва таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба барқарорсозии ҷамоаҳои рустании таназулёфта ба таври кофӣ пурра равшан нашуда, метавонистанд муфассалтар баррасӣ шаванд.

2. Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи ботаника ва экологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Мамадризохонов А.А. дар тақриз эродҳо нишон дода нашудааст.

3. Номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетика ба номи профессор Н.Б. Бердиеваи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Наврузшоева Г.Х. Дар тақриз чунин эрод нишон дода шудааст.

- Дар зербоби таърихи ташаккули омӯзиши дендрофлора аз муҳақиқони дохилии кишвар кам маълумот оварда шудааст.

- Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ҷой дорад.

4. Номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Ҳомидов Ё.Р. Тақриз эрод надорад.

5. Номзади илмҳои биологӣ директори Пажуишгоҳи илмӣ – тадқиқотии биотехнологияи назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур Каримов Ҳ.С. Дар тақриз чунин эрод нишон дода шудааст.

- Дар автореферат баъзе камбудиҳои тахникӣ ва норасоиҳо дар қисми шарҳи адабиёт (омӯзишҳои дохилӣ) ва хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд, ки ба арзиши илмии кор таъсир намерасонанд.

Дар тақризҳо муҳиммияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин кори диссертатсионии Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ таҳқиқоти ба анҷомрасидаи тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 6D060718 – Ботаника мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбат ба соҳаи ботаника ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд, дар ин соҳа корҳои илмӣ ва аз рӯйи мавзуи интихобшуда таълифотҳои илмӣ доранд, аз ин лиҳоз ба кори диссертатсонӣ оид ба мубрамияти мавзуъ, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои холисона дода метавонанд.

Интихоби муқаризони расмӣ аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда буда, мутахассисони варзидаи соҳаи ботаника мебошанд. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар ба шумор рафта дар он мутахассисони варзидаи соҳаи ботаника ба фаъолияти илмӣ машғул мебошанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

**коркард карда шуд:** бори аввал маҷмуӣ таҳқиқотҳо оид ба таҳлили фитосенологӣ гуногунии намудии дарахту буттаҳо, таркиби типҳои асосии набатот, монандии дендрофлора ба қаторкӯҳҳои Дарвоз ва Қаротегин ва ҳолати экологии дарахту буттаҳо дар экосисетемаҳо

арзёбӣ шуда, маълумотҳо аз рӯйи хусусиятҳои систематикӣ, экологӣ ва ареалогии дарахту буттаҳо анҷом дода шуданд.

**Пешниҳод шудааст,** ки барои ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи устувори намудҳои нодир ва доминант, дар шароити афзоиши таъсири антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим зарур аст, ки намудҳои арзишманд ва эндемики минтақа доимо зери назорат қарор гирифта, барои бехтарсозии ҳолати экологии типҳои асосии наботот тадбирҳои зидди эрозия, эҳёи табиӣ ва шинонидани намудҳои маҳаллӣ тавсия дода мешавад.

**Исбот шудааст**, ки солҳои охир таъсири омилҳои анторопогенӣ ва тағйирёбии иқлим боиси таназзулёбии баъзе экосистемаҳо ва форматсияҳои наботот гардидааст. Дарахту буттаҳои ҷамоаофар дар ташаккул ва устувории ҷамоаҳои минтақа нақши асосӣ дошта, ҳолати экологии онҳо нишондиҳандаи муҳими устувории экосистемаҳои минтақа мебошад.

**Ҷорӣ намудани** натиҷаҳои назариявӣ ва амалии омӯзишро дар фаъолияти муассисаҳои ҳифзи муҳити зист, хоҷагиҳои ҷангал, мавзеҳои махсус муҳофизатшаванда, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳои мониторинг ва ҳифзи гуногунии биологӣ истифода мешаванд. Маводи илмии бадастомада дар раванди таълими фанҳои ботаника, дендрология, геоботаника, экология ва ҷангалпарварӣ татбиқшаванда мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок карда шудааст, ки:**

**исбот намудани** хусусиятҳои фитосенологии дарахту буттаҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор имконият фароҳам овард, ки қонуниятҳои ташаккул ва паҳншавии ҷамоаҳои дарахту буттагии минтақа муайян карда шаванд; муайян гардидани таркиби систематикӣ ва ареалогии дендрофлора барои омӯзиши флорогенез ва рушди нобототи Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад; таҳлили ҳолати экологии намудҳои асосии дарахту буттаҳо заминаи илмӣ барои арзёбии устувории экосистемаҳои минтақа фароҳам овард.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок

**истифода бурдани** усулҳои қабулшудаи геоботаникӣ, экологӣ ва таҳлили оморӣ эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин карда, имкон дод, ки таркиб ва сохтори ҷамоаҳои растаниҳо дақиқ муайян карда шавад;

**баён шудани** хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои минтақа имконият медиҳанд, ки қонуниятҳои ташаккул, сохтор ва тағйирёбии ҷамоаҳои нобототи минтақа барои ҳифз ва истифодаи устувори захираҳои дендрофлора аз ҷиҳати илмӣ барраси карда шаванд.

**ошкор гардидани** қонуниятҳои ташаккул ва паҳншавии ҷамоаҳои дарахту буттагӣ вобаста ба шароити табиӣ ва дараҷаи таъсири омилҳои антропогенӣ;

**омӯхта шуданд** хусусиятҳои фитосенологӣ, таркиби намудӣ, сохтори ҷамоаҳо ва ҳолати экологии дарахту буттаҳо, инчунин таъсири омилҳои

табиӣ ва антропогенӣ ба ташаккул ва устувории ҷамоаҳои растаниҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор.

**аз нав такмил додани:** усулҳои баҳодиҳии ҳолати экологии дарахту буттаҳо дар асоси таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои фитосенологӣ ва экологӣ; гурӯҳбандии ҷамоаҳо вобаста ба намудҳои доминантӣ ва сохтори ҷамоаҳо.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки: натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот метавонанд дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҷангалпарварӣ истифода шавад.

коркард ва ҷорӣ карда шуданд тавсияҳои илмӣ оид ба ҳифз ва истифодаи устувори захираҳои дендрофлораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор;

**муайян карда шуданд** намудҳои нодир ва осебпазири дарахту буттаҳо, ки ба тадбирҳои афзалиятноки ҳифз ниёз доранд;

**офарида шуд** заминаи илмӣ барои мониторинги минбаъдаи ҳолати экологии дарахту буттаҳои минтақа;

**муаррифӣ карда шуд** тавсифи фитосенологии 34 форматсия ва зиёда аз 150 ассотсиатсияи дарахту буттаҳо, ки метавонанд ҳангоми таҳияи харитаҳои геоботаникӣ ва экологӣ истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ:

**назарияҳои** муосири ботаника, геоботаника ва экология ҳамчун асоси методологӣ истифода шуданд;

**ғоя асоснок шудааст,** ки гуногунии намудӣ ва сохтори фитосенологии дарахту буттаҳои минтақа бо омилҳои муҳит ва таъсири фаъолияти инсон алоқамандии зич доранд;

**истифода шудаанд** усулҳои саҳроии геоботаникӣ, таҳлили флоравӣ, систематикӣ, ареалогӣ ва оморӣ, инчунин муқоисаи натиҷаҳои муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада бо адабиёти пешин оид ба мавзуи диссератсия;

**муайян шудаанд** қонуниятҳои паҳншавӣ, сохтор ва ҳолати экологии намудҳои асосии дарахту буттаҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор;

**истифода карда шудаанд** маълумотҳои саҳроии солҳои 2022–2025, сарчашмаҳои илмии муътамад ва усулҳои илман қабулшуда, коркарди оморӣ, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиёти илмӣ, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои таҳқиқоти илмӣ, шарҳи натиҷаҳо, омода ва нашр кардани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳо шахсан аз тарафи муаллиф гузаронида шудаанд, инчунин дар таҳия ва тартиб додани мавқеъҳои асосӣ ва хулосаи диссертатсия иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 171 саҳифа таҳия шуда аз муқаддима, 5 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда, 19 расм, 19

ҷадвал ва 1 замима иборат аст. Дар диссертатсия 144 адабиёт истифода шудааст, ки зиёда аз 20 адади онҳо ба забони хориҷӣ мебошанд.

Дар маҷлис 9-уми июли соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 - нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм 5 – нафар, аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 - нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 15 - нафар иштирок доштанд ва овоз доданд: тарафдор – 15, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои
диссертатсионӣ д.и.б.,
профессор, академики АМИТ Якубова М.М.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ,
дотсент Ҳамидзода Х.Н.

09.07.2026